«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
________________ Хушвахтзода Қ.Х.
«01» 09 соли 2023

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ, дар кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Гулов Раҳмонали Бобохонович соли 2023 зинаи докторантураи фалсафа PhD, доктор аз руйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Аз 01.09.2023, то ҳол Гулов Раҳмонали Бобохонович ҳамчун ассистенти кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Маълумотномаи академӣ (Транскрипт) оид ба супоридани имтиҳонҳо дар санаи 23.06.2023 таҳти №81 дода шудааст.

Мавзуи диссертатсия бо Қарори Шурои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28.10.2020, суратмаҷлиси №3 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои фалсафа, профессор Қаҳҳоров Ғ.Ғ. сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ мебошад.

Диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои кори иҷтимоӣ ва сотсиология мавриди муҳокима қарор дода шуда, хулосаи зерин қабул шудааст:

Дисертант Гулов Р.Б. масъалаи бо шуғл таъмин намудани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар ҷомеаи имрӯза, ки майли гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва технологӣ дорад, ба яке аз масъалаи муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст, мавриди муҳокима қарор додааст. Илова ба ин, диссертант қайд менамояд, ки дар шароити тағйирёбии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ доираи шуғлҳои фаъолияти касбӣ афзуд ва тайёр кардани мутахассисони соҳавӣ ба талаботи бозори меҳнат ба қадри имкон назаррас набуда, раванди омодакунии мутахассисон бошад, ҳоло ҳам бештар дар доираи шуғлҳо ва касбҳои анъанавӣ сурат мегирад. Яъне низоми бо шуғл таъминкунӣ, ки ду талаботи асосӣ: талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои соҳибихтисос ва талаботи донишҷӯён ба хизматрасониҳои таълимию ҷойҳои корӣ дорад, ҳамоҳанг намебошанд. Дар робита ба ин, муҳаққиқ таъкид мекунад, ки миёни талаботи бозори меҳнат вобаста ба мутахассисони соҳаҳои муайяни фаъолият, сатҳи тахассусии онҳо ва раванди тайёр кардани мутахассисоне, ки соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа ба онҳо эҳтиёҷ дорад, зиддият ва мушкилот ба миён меояд. Бинобар ин, гурӯҳе аз хатмкунандагон пас аз гирифтани тахассуси касбӣ бо фаъолияти меҳнатӣ таъмин нагардида, маҷбуранд ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои дигар раванд ё худ бархе аз мутахассисони ояндадор бо сабабҳои молиявӣ ва шароити номусоиди корӣ ба фаъолияти дигар мегузаранд, ки ин омилҳо дар оянда ба ҳалли самараноки масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлату ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои бо шуғл фаро гирифтани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи

касбӣ ва имкониятҳои ҳалли он дар соҳаи идории бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагон хусусияти мубрам гирифтааст.

Диссертант дар кори илмии худ қайд мекунад, ки аксар вақт хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар дар шароити дигаргуншудаи инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҳарчанд соҳиби маълумот ва ихтисос мегарданд, вале қисме аз он онҳо дараҷаи тахассус ва касбияташон ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд. Инчунин, имрӯз муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар шумораи зиёди мутахассисонро ба бозори меҳнат ворид мекунанд, ки бахше аз онҳо аз рӯйи ихтисоси гирифтаи худ ба шуғл фаро гирифта намешаванд, ба ибораи дигар раванди омодакунии мутахассисон аз рӯйи самтҳои гуногуни талаботи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣ то дараҷае ба роҳ монда шуда бошад ҳам, аммо барои татбиқи касбияти онҳо дар баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар шароити мавҷудаи лозимӣ фароҳам нест. Аз ин рӯ, ҳалли босамари ин мушкилот танҳо бо дарёфти технологияҳои муносиби иҷтимоӣ ва бо роҳи ҷалби ниҳодҳои демократӣ бо муассисаҳои истеҳсолӣ ва корфармоён имконпазир аст.

Ба андешаи диссертант равандҳои таҳсилоти касбӣ ва технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунӣ, айни замон дар миёни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, яке аз мушкилоти мубрам ва баҳсталаби доираҳои илмӣ маҳсуб ёфта, дар маркази диққати муҳаққиқони соҳаи илмҳои ҷомеашиносии ватанию хориҷӣ қарор дорад.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар доираи таҳқиқоти мазкур методҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, таҳлилӣ, мантиқию муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият ва равиши сохторӣ-функсионалӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон, ҳангоми омӯзиши мавзуи диссертатсия аз методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳида, муқоиса, таҳлили оморӣ, пурсиши сотсиологӣ

васеъ истифода шудааст. Инчунин, ба сифати манбаи иттилоот; Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, адабиёти илмӣ ва таълимӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, мақолаҳо, маводҳои интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои илмӣ баромад намуданд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро** таҳқиқоти сотсиологии дар кафедраи кори иҷтимоӣ ва сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронидашуда, инчунин маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ташкил медиҳанд. Коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии гузаронидашуда, ки дар онҳо методҳои сотсиологии сифатӣ ва миқдорӣ истифода шудаанд, тавассути методҳои коркарди оморӣ ва барномаҳои махсуси компютерӣ ба амал бароварда шудааст.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи таҳиянамудаи Гулов Раҳмонали Бобохонович ба шиносномаи ихтисоси Шурои диссертатсионии 6D КОА-005 – 6D050100 – Сотсиология барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти бунёдии илмӣ оид ба технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки дар ҷанбаҳои зерин таҷассум ёфтааст:

- дар асоси омӯзишу таҳлили адабиёти илмӣ ақидаҳои олимони соҳаи иқтисодиёт ва сотсиология дар бораи технологияҳои иҷтимоӣ ва зарурати ба вуҷуд омадани тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва шуғл

ҳамчун як соҳаи фаъолият маълум гардид, ки таъсири ин омилҳо ба рушди шахс хеле назаррас аст;

- дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон нисбат ба таъмини шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барномаву лоиҳаҳои гуногун қабул карда шуда, ҳатто сомонаҳои интернетӣ низ таъсис дода шудааст, ки ҳар лаҳза вазъи бозори меҳнатро баррасӣ мекунанд;

- ҳангоми таҳқиқот муайян гардид, ки ҳамкорӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар кишвар бо корхонаву ташкилотҳо ва корфармоён дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст;

- дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ муайян карда шуд, ки талаботи қонун барои ҷудо намудани квотаҳои ҷойҳои корӣ барои хатмкунандагони имконияти маҳдуддоштаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар ташкилоту корхонаҳои ватанӣ на ҳама вақт ба инобат гирифта мешавад;

- дар натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ мушкилоти соҳаи маориф дар омода намудани мутахассисони баландсавияву болаёқат ва сабабҳои бо шуғл таъмин нагардидани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар кишвар ошкор карда шуданд, аз ҷумла, дониши тахассусӣ ва омодагии касбии гурӯҳе аз хатмкунандагон ба талаботи навини бозори меҳнат ҷавобгӯ нест;

- ҳангоми тарҳсозии системаи бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар таҳқиқоти илмӣ технологияҳои иҷтимоии муносиб кор карда баромада шудаанд, аз ҷумла, тибқи талаботи бозори меҳнат омода намудани ҷойҳои корӣ мувофиқ ба тахассуси онҳо, сари вақт дастрас намудани маълумоти зарурӣ дар бораи ҷойҳои кории холӣ ва ғайра.

**Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки** айни замон яке аз масъалаҳои муҳим дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон - мушкилоти шуғлмандии гурӯҳе аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии мамлакат ба ҳисоб меравад, чунки сатҳи инкишофи иқтисодии ҳар як мамлакат ба ҳиссаи бо шуғл таъмин будани аҳолии қобили меҳнат вобаста мебошад. Мавод, хулосаҳо ва тавсияҳои рисолаи илмиро ҳангоми кор карда баромадани сиёсати иҷтимоии давлат оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа, кам кардани сатҳи бекорӣ дар байни аҳолӣ, махсусан ҷавонони соҳибихтисос, танзими масъалаҳои иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва таҳқиқи минбаъдаи мушкилоти бо шуғл таъмин намудани гурӯҳе аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ истифода бурдан имконпазир мебошад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионро ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми таълими курсҳои "Тағйироти иҷтимоӣ", "Сотсиологияи оила", "Сотсиологияи шахс", "Сотсиологияи меҳнат", "Сотсиологияи каҷрафторӣ", "Кори иҷтимоӣ бо ҷавонон", "Кори иҷтимоӣ бо бекорон", "Кори иҷтимоӣ бо маъюбон" васеъ истифода бурдан мумкин аст. Муҳаққиқони оянда гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ, навиштани рисолаҳои илмӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз натиҷаҳои ин диссертатсияи илмӣ истифода бурда метавонанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар иштирок ва гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ тасдиқ карда мешаванд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ, хулосабарорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Корҳои нашршуда ва автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Гулов Р.Б. Технологияҳои иҷтимоӣ: мафҳум, пайдоиш ва истифодаи онҳо дар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ [Матн] / Р.Б. Гулов // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.-Душанбе.-2021-№7. -С.129-134.

[2-М]. Гулов Р.Б. Нақши соҳаи маориф дар тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар системаи маорифи Тоҷикистон [Матн] / Р.Б. Гулов // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.-Душанбе.-2022- №-3. -С.186-197.

[3-М]. Гулов Р.Б. Тарҳсозии (моделирование) системаи ба кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Р.Б. Гулов // Маҷаллаи "Идоракунии давлатӣ".-Душанбе.-2022- №-1. -С. 80-89.

[4-М]. Гулов Р.Б. Масъалаҳои бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии Тоҷикистон [Матн] / Ғ.Ғ. Қаҳҳоров., Р.Б. Гулов // Ахбори ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.-Душанбе.-2023-№. -С.60-66.

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия, маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва эмпирикиро дар бораи системаи таҳсилот ва шуғлмандӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ таҳлил кардааст. Муҳаққиқ шахсан таҳқиқоти сотсиологиро дар ҳамкорӣ бо кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои касбӣ дар Тоҷикистон" (соли 2022) гузарондааст ва аз натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти сотсиологӣ дар навиштани диссертатсия самаранок истифода бурдааст.

## ТАВСИЯИ ДИССЕРТАТСИЯ БА ҲИМОЯ

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Гулов Раҳмонали Бобохонович таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад, ки бо мубрамият ва навгониҳо фарқ менамояд. Мақсад ва вазифаҳое, ки диссертант дар назди худ гузоштааст, иҷро гардидаанд ва натиҷаҳою хулосаҳои бадастомада асоснок мебошанд. Натиҷаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия барои кормандони илмӣ муфид ва муҳим буда метавонанд. Муаллиф ҳангоми навиштани диссертатсия донишҳои амиқи тахассусӣ, маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилнамоӣ, қобилияти баланди мустақилона гузаронидани таҳқиқоти илмиро нишон додааст. Корҳои нашрнамуда ва автореферати муаллиф мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои илмӣ муқаррар намудааст, ҷавобгӯ буда, мазмуни он ба ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

### ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 35, 37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

2. Диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" ба ҳимоя барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои кори иҷтимоӣ ва сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ ҷиҳати пешниҳод шудан ба ҳимоя: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, суратмаҷлиси №1 аз 28-августи соли 2023.

И.в.мудири кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои сотсиологӣ, муаллими калон — **Шоев Н.С.**

И.в.мудири кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои фалсафа, муаллими калон — **Сатторзода С.Н.**

**Котиби маҷлис:** муаллими калон — **Муҳаммадқодири Н.**

**Имзои Шоев Н.С., Сатторзода С.Н. ва Муҳаммадқодири Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** — **Тавқиев Э.Ш.**
**«01» 09 соли 2023**